# Дар ҷангал танҳо

1



Силсилаи

Вафо ва Амина



Падар ва модар
бо Вафо ва Амина
ба саёҳат рафтанд.
Вафо ва Амина хеле
хурсанд буданд.



Вафо ва Амина бо бозичаҳояшон бозӣ карданд. Баъд онҳо хӯрок хӯрданд.



Баъд Амина бо тӯби Вафо бозӣ кардан хост, аммо Вафо худаш бозӣ карда истода буд.



Падару модар истироҳат мекарданд. Вафо гуфт: «Амина! Хафа нашав! Агар хоҳӣ, бо тӯбам бозӣ кун!»



Лекин Амина дигар тӯббозӣ кардан нахост. Вай қаҳр кард ва «ман бо лӯхтаки худам бозӣ мекунам!» – гуфта, ба сӯи ҷангал давид.



Акнун вай худаш танҳо буд, вале бо худ бозӣ кардан шавқовар нест. Амина зиқ шуд.



Вай ба пеши дигарон баргаштан хост.
Ҷангал торик буд. Амина роҳро дигар наёфт.



Амина дар ҷангал метарсид. Вай дар назди дарахт шишта гиря мекард:«Ҳеҷ кас нест! Кошкӣ ман хафа намешудам».



Ҳамин вақт падару модар пай бурданд, ки Амина нест.
«Вафо, Амина ба кучо рафт?» – пурсид падар.
«Ба даруни ҷангал рафт! » – ҷавоб дод Вафо.



Падар, модар ва Вафо Аминаро зуд ёфтанд.
Амина хеле хурсанд шуд.



«Падарҷон! Модарҷон! Вафо! Ман дар ҷангал сахт тарсидам. Оҳ, ман хеле хурсандам, ки шумо маро ёфтед!»»



Падар гуфт: «Дафъаи дигар нагурез. Худо мехоҳад, ки ту бо дигарон дӯст бошӣ ва онҳоро ҳурмат кунӣ».



«Писари одам омадааст,
то ки гумшударо пайдо
кунад ва наҷот
диҳад»
(Луқо 19:10).